**Суратмаҷлиси № 25**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022

аз 04 марти соли 2021 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 21 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2021, № 11 тасдиқгардида, 19 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меранд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои Шӯро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шӯро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Иваз намудани таърихи рӯзи ҳимоя ва иваз намудани муқарризи расмӣ ба диссертатсияи аспиранти кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғоибов Саъдӣ Шокирович дар мавзӯи **“Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли нашриёҳои даврии водии Зарафшон)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Раҷабов Ҳ. баромад намуда, зикр карданд, ки муқарризи расмии диссертант – доктори илми филология Муллоев Ш. Б. ба ҳайси эксперти шӯрои самти илмҳои забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, рӯзноманигорӣ ва тарҷумонии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Тибқи муқаррароти Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри

соли 2016, №505) ва Низомномаи шӯрои экспертии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2017, №2/5) узви шӯрои экспертӣ наметавонад ба сифати муқарризи расмӣ баромад намояд.

Вобаста ба ин, аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар роҳ додан ба камбудии ҷиддӣ дар мавриди таъйини муқарризи расмӣ ба раис ва котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ огоҳӣ эълон шуда, дастур дода шудааст, ки диссертатсияи Ғоибов Саъдӣ Шокирович дар мавзӯи "Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои даврии водии Зарафшон)" аз нав мавриди баррасӣ қарор дода шавад ва муқарризи расмӣ тибқи муқаррароти Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) таъйин карда шавад.

Инчунин, эълони ҳимояи диссертатсия тибқи банди 41 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шавад.

**Қарор карда шуд:**

1. Таърихи рӯзи ҳимояи диссертатсияи Ғоибов Саъдӣ Шокирович дар мавзӯи "Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои даврии водии Зарафшон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ аз 18 марти соли 2021 ба 10 июни соли 2021 гузаронида шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Хоҷазод Саидмурод** – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

- **Маъмурзода Носирҷон Маъмур** – номзади илми филология, мудири шуъбаи иттилоотию таҳлилии дастгоҳи Раиси вилояти Хатлон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода" таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад;

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.